*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA- 004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни*
*Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён,*
*бинои таълимии №8, синф. 102)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити тағйирёбии иқлим, афзоиши нобаробарии захиравӣ ва шиддатёбии рақобат барои дастрасӣ ба манбаъҳои табиӣ, масъалаи идоракунии об ҳамчун унсури амнияти иқтисодӣ ва энергетикӣ аҳаммияти калидӣ пайдо кардааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур ҷавобгӯи талаботи илми иқтисоди муосир ва ниёзҳои амалии ҳамкории минтақавӣ мебошад.

Автореферати пешниҳоднамудаи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон ба таҳқиқи масъалаи мураккаб ва бисёрҷанбаи рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда ба равандҳои муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бахусус ба мушкилоти вобастагии мутақобилаи давлатҳо дар истифодаи захираҳои трансмиллӣ, иртиботи мустақим дорад.

Бояд қайд намуд, ки Минтақаи Осиёи Марказӣ аз лиҳози захираҳои об дорои хусусияти хоси гидрографӣ мебошад: манбаъҳои асосии об дар кишварҳои болооб ташаккул ёфта, қисми зиёди истеъмоли он дар кишварҳои поёноб амалӣ мегардад. Чунин сохтори тақсимоти табиӣ вобастагии мутақобилаи иқтисодии давлатҳоро тақвият дода, зарурати ташаккули механизмҳои самараноки ҳамоҳангсозии манфиатҳоро ба миён меорад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин механизмҳо, хатари ихтилофоти иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ афзоиш меёбад. Илова бар ин, масъалаи об дар минтақа на танҳо хусусияти захиравӣ, балки стратегӣ дорад. Он бо рушди комплекси

обию энергетикӣ, фаъолияти соҳаи кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории экологӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, таҳияи равишҳои иқтисодӣ ва институтсионалии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ҳамчун шарти муҳими таъмини рушди устувори дарозмуддат арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар автореферат заминаҳои назариявии таҳқиқотро дар асоси таҳлили осори олимони ватанию хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ пешниҳод намуда, масъалаи ҳамгироии захираҳои обро дар чорчӯбаи назарияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ баррасӣ кардааст. Хусусияти мусбати кор дар он аст, ки механизми ҳамкории минтақавӣ на танҳо ҳамчун равандҳои сиёсӣ ё ҳуқуқӣ, балки ҳамчун низоми иқтисодӣ бо унсурҳои институтсионалӣ, молиявӣ ва ташкиливу идоракунӣ арзёбӣ мегардад.

Дар қисмати навоварии илмӣ муаллиф як қатор натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақа» дар сатҳи категорияи иқтисодӣ таҳия гардида, робитаи он бо таъмини рушди устувор ва амнияти обию энергетикӣ нишон дода шудааст. Пешниҳоди модели консептуалии ҳамкории минтақавӣ, ки бар принсипҳои идоракунии ҳамгироии захираҳои об асос ёфтааст, низ арзишманд мебошад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ҳангоми такмили сиёсати давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи об зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои мақомоти соҳавӣ, марказҳои таҳлилӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун асоси илмӣ хизмат намоянд.

Бо вуҷуди ин, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар қисмати тавсияҳои амалӣ мушаххас намудани доираи субъектҳои масъул ва абзорҳои иқтисодии татбиқ, ба андешаи мо, арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун менамуд.

2. Муаллиф робитаи байни механизми ҳамкории об ва равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ (ЕАЭС, СҲШ ва ғ.)-ро ишора мекунад, аммо таҳлили

муфассали таъсири онҳоро ба соҳаи об пешниҳод менамуд ба фоидаи кор мебуд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикршуда характери тавсиявӣ дошта, ва ба мазмуну мундариҷа, натиҷаи назариявӣ, методию амалии диссертатсия дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгу буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) сазовор мебошад.

**Н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Рустамзода Ф.М.**

*Дурустии имзои н.и.и.- ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**

**Суроғаи муассиса:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **E-mail:** tguk@mail.ru Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

Сана 30.03.2026 с